**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Раёсати Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ**
**ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон**

735140,ш.Қӯрғонтеппа,кӯч.Айнӣ 90 тел. 2 – 84 – 42 факс:8322228442 rhndft@ mail.ru

Аз 10 02 2016, № 30 шаҳри Қӯрғонтеппа

# ФАРМОИШ

Дар асоси фармоиши Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.05.2010 с, таҳти 11 оиди амалӣ ва иҷро намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2013-2020 аз 30 августи соли 2013, №1504, дар вақти иҷроиши саволҳои назоратие, ки тибқи онҳо санҷиши фаъолияти муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва озмоишгоҳҳои ташхисӣ (новобаста ба шакли моликият ва тобеият) гузаронида мешавад ва барои омода намудани ҳуҷҷатгузорӣ барои додани иҷозатнома,

**Фармоиш медиҳам;**

1. Кормандони Раёсати Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон, ки тибқи фармоиш (қарор, амрнома), барои гузаронидани санҷишҳо ва таҳлилҳои фаъолияти муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва озмоишгоҳҳои ташхисӣ (новобаста ба шакли моликият ва тобеият), ё омода намудани ҳуҷҷатгузорӣ барои додани иҷозатнома равона карда мешаванд, декларатсия (замима мегардад) пур намоянд.
2. Назорати иҷроиши фармоиши мазкурро ба зимаи худ мегирам.

Сардори Раёсат Ҷалолов Ҷ.К.

Замима
ба Хулоса оид ба иҷозатномагирӣ
РХНДФТ ва ҲИА
дар вилояти Хатлон
аз 10 02 2016

# Декларатсия

оид ба иҷроиши санҷиши назоратие, ки тибқи он фаъолияти муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва озмоишгоҳҳои ташхисӣ (новобаста ба шакли моликият ва тобеият) гузаронида мешавад ва барои омода намудани ҳуҷҷатгузорӣ барои додани иҷозатнома.

аз 10 02 2016 шаҳри Қӯрғонтеппа

Декларатсияи мазкур байни кормандони Раёсати Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон сардори Раёсат Ҷалолов Ҷ.К.
аз як тараф ва аз тарафи дигар шахси воқеӣ (ҳуқуқӣ) Роҳбари Хадамоти соҳи Намояндагии СПИД Фонд шарқу ғарб дар в.Хатлон Осипов А.
бо мақсади зерин ба имзо расонида шуд:

Оиди амалӣ ва иҷро намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, №1504 аз 30 августи соли 2013» дар вақти иҷроиши саволҳои назоратие, ки тибқи онҳо санҷиши фаъолияти муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва озмоишгоҳҳои ташхисӣ (новобаста ба шакли моликият ва тобеият) гузаронида мешавад, масъул мебошем.

Ҳамзамон дар ин бобат кафолат медиҳам, ки аз ҷониби ман, шахси воқеӣ (ҳуқуқӣ) Осипов А. ва ё бо ташаббуси ман, бевосита ва ё ба восита ба корҳои номатлуби зуҳуроти корупсионӣ (ришватхӯрӣ) дошта роҳ додан, ҷавобгариро ба зиммаи худ мегирам.

шахси воқеӣ (ҳуқуқ)